*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 66 (4806) | ҶУМЪА, 24 МАЙИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# ҶАШНИ НАСЛҲОИ ОЯНДАСОЗ МУБОРАК!

**Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон**

**23-юми майи соли 2024**

**Ҷавонони сарбаланду саодатманди кишвар!**

Ҳамаи шуморо, ки умеду ояндаи давлат ва халқи Тоҷикистон мебошед, ба ифтихори Рӯзи ҷавонон, ки ҳар сол дар кишварамон ҳамчун ҷашни наслҳоиояндасоз таҷлил мегардад, самимона табрик менамоям.

Дар замони муосир танҳо кишварҳое ба дастовардҳои бузурги иқтисодию иҷтимоӣ ва рушди устувори илмию фарҳангии ҷомеа муваффақ мегарданд, ки ба масъалаи ҷавонон таваҷҷуҳи зарурӣ дода, имкониятҳои фаровони зеҳнӣ ва ҷисмонии онҳоро ба самти дурусту созанда сафарбар намоянд.

Бо дарназардошти ин, Ҳукумати Тоҷикистон аз оғози замони соҳибистиқлолӣ то имрӯз ба рушди зеҳнӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҷисмонии ҷавонон эътибори аввалиндараҷа зоҳир намуда, барои дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ, илму ҳунаромӯзӣ тарбия ёфтани ҷавонон, аз худ кардани техника ва технологияҳои муосир тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ намуда истодааст. Боиси қаноатмандист, ки ҳоло ин талошҳо самараю натиҷаҳои назаррас дода истодаанд.

Солҳои охир ҷавонони мо ба илмомӯзӣ, азхудкунии донишҳои нав ва омӯхтани касбу ҳунарҳои замонавӣ бо шавқу завқи бештар рӯй овардаанд, ки ин, албатта, падидаи неку умедворкунанда мебошад.

Илова бар ин, садҳо ҳазор ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти олии дохили кишвар таҳсил карда, беш аз 40 ҳазор фарзандони Тоҷикистон ҳоло дар беҳтарин мактабҳои олии хориҷӣ илму дониш ва касбу ҳунар меомӯзанд ва баъди хатми таҳсил барои пешрафту ободии Ватани худ саҳм хоҳанд гузошт.

Вақт собит сохта истодааст, ки касе илму дониш ва касбу ҳунар дорад, забонҳои хориҷиро медонад, дар зиндагӣ ҳаргиз хор намегардад ва ба касе муҳтоҷ намешавад. Ба ин хотир, Ҳукумати мамлакат тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳад, ки наслҳои ҷавони кишвар донишманду босавод, соҳиби касбу ҳунар ва соҳибмаърифату тарбиядида ба камол расонида шаванд.

Ҳадафи мо аз баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» ва олимпиадаю озмунҳои гуногун баланд бардоштани сатҳи саводнокию маърифатнокии мардум, қабл аз ҳама, наврасону ҷавонон, тақвияти завқи зебоипарастии онҳо ва пайдо кардани истеъдодҳои нодир аз байни наслҳоиояндасоз мебошад.

Мо дар солҳои охир шоҳиди он гардида истодаем, ки ин озмунҳо ба рушду инкишофи ҳаматарафаи ҷавонону наврасон таъсири амиқ расонида, аз миёни наврасону ҷавонон чеҳраҳои илмдӯсту маърифатпарвар ва навовару ихтироъкор ба воя расида истодаанд.

Ҳукумати мамлакат, ҳамчунин, бо мақсади ҳар чӣ бештар ҷалб кардани наврасону ҷавонон ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тамоми чораҳои заруриро амалӣ карда истодааст.

Натиҷаи ҳамин таваҷҷуҳу ғамхориҳост, ки солҳои охир ҷавонони варзишгари мо дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ба дастовардҳои хуби варзишӣ ноил гардида, шараф ва обрӯи кишварамонро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардошта истодаанд.

Мо ифтихор дорем, ки имрӯз ҷавонони далеру ғаюри мо, яъне насли замони истиқлол, дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ содиқона хизмат карда, қарзи фарзандӣ ва вазифаи шаҳрвандии хешро сарбаландона иҷро мекунанд, масъулияти ҳимояи марзу буми кишвар ва ҳифзи амнияти давлату миллатро ба дӯш доранд, Ватан, миллат, забон ва фарҳанги миллии хешро самимона дӯст медоранд ва барои пойдории ин арзишҳои ҷовидонӣ саъю талош мекунанд.

Ҷавонони мо ҳоло дар ҳамаи соҳаю бахшҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа фаъолона иштирок мекунанд, дар бузургтарин сохтмонҳои мамлакат ва ба хотири ободии Ватан саҳми бисёр арзишманд мегузоранд.

Бо дарназардошти ҳамаи хизматҳое, ки шумо – фарзандони азиз барои Ватан ва давлати соҳибистиқлоли худ анҷом дода истодаед, ба ҳар яки шумо муроҷиат мекунам, ки аз давлати соҳибистиқлол, Ватани соҳибихтиёр ва аз тоҷик будани худ ҳамеша ифтихор дошта бошед, зеро гузаштагони некноми мо дар рушди фарҳангу тамаддуни башарият саҳми бузург гузоштаанд.

Шумо – ҷавонони азиз бояд роҳи гузаштагони пурифтихорамонро бо омӯзиш ва аз худ кардани илмҳои замона идома дода, барои пешрафти Ватани аҷдодӣ талош варзед, зеро шумо меросбарони суннату анъанаҳои чандинҳазорсолаи халқамон ва давомдиҳандагони корномаи садҳо ва ҳазорҳо фарзандони фарзонаю фидокори он ҳастед.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки ҷавонони ватандӯсти мо минбаъд низ бо ҳисси баланди миллӣ, худшиносию худогоҳӣ, зиракии сиёсӣ, ҷаҳонбинии васеъ, маърифати ҳуқуқӣ ва саъю талоши созандаю бунёдкорона барои ободии кишвар ва боз ҳам баланд бардоштани обрӯю нуфузи Тоҷикистони азизамон дар арсаи байналмилалӣ талош намуда, дар таҳкими пояҳои истиқлоли давлатӣ ва давлатдории навини тоҷикон саҳми арзанда мегузоранд.

Бори дигар ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи ҷавонон табрик гуфта, ба шумо тансиҳатӣ, иқболи баланд, саодати рӯзгор ва дар фаъолияти садоқатмандонаатон ба хотири ободию пешрафти Ватани азизамон - Тоҷикистон комёбиҳои нав ба нав орзу менамоям.

**Рӯзи ҷавонони кишвар муборак!**

# ҶАВОНОНИ ПАРЧАМБАРДОРИ МУНОСИБИ МЕҲАН БОШЕМ

**Паёми шодбошии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон**

**23-юми майи соли 2024**



**Ҳамватанони азиз!**
**Ҷавонони сарбаланди меҳан!**

Бо самимият ва фараҳмандӣ ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, ки ҳар сол дар фасли пуртаровати баҳору зебоӣ таҷлил менамоем, табрик мегӯям.

Хушбахтона, дар марҳилаи нави таърихӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҷавонон таваҷҷуҳ ва ғамхории махсус зоҳир гардида, ҷиҳати ба камол расонидани насли нави худогоҳу худшинос ва соҳибмаърифату ватандӯст саъю талоши бесобиқа анҷом дода мешавад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатии ҷавонон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи ҳамаҷонибаи онҳо як қатор ҳуҷҷатҳои барномавӣ қабул ва амалӣ гардонида шуда, барои таълиму тарбия ва ташаккули шахсияти наврасону ҷавонон тамоми имкониятҳо фароҳам оварда шуданд.

Амалигардонии иқдомоти давлату Ҳукумат барои таҳкими мақоми ҷавонон дар ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию маънавии ҷомеа, беҳтар шудани муҳити зиндагӣ, таҳсил, шуғлу касбомӯзӣ ва фаъолияти эҷодии онҳо мусоидат намуда истодааст.

Ҷавобан ба ин ғамхорӣ имрӯз ҷавонони мо бо азму иродаи қавӣ ва бо завқи баланд илму донишҳои муосир, аз ҷумла забонҳои хориҷиро аз худ намуда, дар бахшҳои гуногуни давлат ва ҷомеа фаъолият доранд.

Ҷавонони ободпешаи диёр дар пешбурди корҳои созандагию бунёдкорӣ, ободу зебогардонии маҳал, таъсиси коргоҳу корхонаҳо ва рушди инфрасохтор саҳми арзанда мегузоранд.

Ҷавонони соҳибфарҳангу соҳибмаърифати мо бо эҳсоси баланди дӯст доштани Ватан, эҳтиром ва гиромидошти арзишҳои миллӣ Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ба таври шоиста муаррифӣ намуда, номбардору парчамбардори муносиби меҳан гардида истодаанд.

Ҷавонони далеру ғаюри мо дар ҳар лаҳза баҳри дифои марзу бум ва ҳифзи истиқлолияти кишвар омода мебошанд.

Мусаллам аст, ки ҷавонони мо неруиояндасози давлати соҳибистиқлол ва умеду орзуи Ватани азизамон ҳастанд.

Итминони комил дорам, ки минбаъд низ мо - ҷавонон арзишҳои бузурги миллию давлатӣ ва инсониро сармашқи кору зиндагӣ ва фаъолияти ҳамарӯзаамон қарор дода, бо ифтихор аз миллат, забон ва таъриху фарҳанги худ дар бунёди кишвари воқеан ободу пешрафта саҳмгузор хоҳем буд.

Бори дигар ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон табрик гуфта, ба мардуми шариф ва ҷавонони бонангу номуси Тоҷикистони азиз бахту иқбол ва зиндагии босафо орзу менамоям.



# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР МАРОСИМИ ВИДОЪ ВА ТАЪЗИЯ БИНОБАР ДАРГУЗАШТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

**22-юми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади иштирок дар маросими видоъ ва изҳори таъзия бинобар даргузашти фоҷиавии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайидиброҳим Раисӣ ба шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон ворид шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Теҳрон меҳмони олиқадр - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони воломақом ва шахсони расмии Ҷумҳурии Исломии Эрон истиқбол гирифтанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Теҳрон дар маросими азои фавтидагони фоҷиа - Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайидиброҳим Раисӣ ва ҳамроҳонаш иштирок намуданд.

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муовини аввали Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Муҳаммад Мухбир, мардуми дӯсту бародари Эрон ва наздикону пайвандони шаҳидшудагон ҳамдардии амиқ баён намуданд.

Зимни изҳори ҳамдардӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нақши арзишманди шодравон Сайидиброҳим Раисӣ дар густаришу таъмиқи робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷанба миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ёдовар шуданд.

Хотиррасон менамоем, ки рӯзи 19 май Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон шодравон Сайидиброҳим Раисӣ ва ҳайати ҳамроҳаш бар асари суқути чархбол ба таври фоҷиавӣ ба ҳалокат расиданд.

Зимни суҳбати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо муовини аввали Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Муҳаммад Мухбир, ҳамчунин, алоқамандии ҳар ду ҷониб ба идомаи босубот ва густариши минбаъдаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистону Эрон таъкид гардид.

# САФАРИ ДАВЛАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҶУМҲУРИИ ОЗАРБОЙҶОН

**22-юми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати анҷом додани боздиди давлатӣ ба Ҷумҳурии Озарбойҷон сафар намуданд.**

**22-юми майи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои анҷом додани боздиди давлатӣ вориди шаҳри Боку - пойтахти Ҷумҳурии Озарбойҷон шуданд.**



Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, вазирони рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, корҳои дохилӣ, фарҳанг, раисони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, кумитаҳои ҳифзи муҳити зист, кор бо занон ва оила, директори Агентии содирот, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сардорони хадамотҳои зиддиинҳисорӣ, иҷро ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ намуданд.

Дар Фурудгоҳи байналмилалии ба номи Ҳайдар Алиев меҳмони олимақом - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо эҳтирому самимияти хос муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Озарбойҷон ва дигар шахсони расмӣ истиқбол гирифтанд.

Ба хотири пазироии сатҳи баланди меҳмони олимақом фурудгоҳ бо парчамҳои давлатии ҳар ду кишвар оро ёфта, роҳрав бо қолини сабз густурда шуд ва аз ҳар ду канори он қаровули фахрӣ саф кашид.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# РӮЗИ ҶАҲОНИИ ФУТБОЛ

## - РУШДИ ДИПЛОМАТИЯИ ВАРЗИШӢ ВА ТАШАББУСИ НАВИ ҶАҲОНИИ ТОҶИКИСТОН




**Ташаббуси байналмилалии Тоҷикистон бо пешниҳоди президенти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA), президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз ҷониби Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид 7 майи соли 2024 зимни ҷаласаи 80-уми пленарии иҷлосияи 78-уми Маҷмаи умумии СММ мавриди пазириш қарор гирифта, қатъномаи «Рӯзи ҷаҳонии футбол» қабул гардид, ки дар шинохту рушди ҷомеаи солиму созанда ва дипломатияи варзишӣ муждаи нек мебошад. Тоҷикистон дар даврони беш аз 30 соли истиқлол тавонист бо эҷоди мактаби сулҳу суботу созандагӣ дар масоили гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла обу экология ва роҳу усулҳо барои ҳифзу ҳимояи пиряххҳои ҷаҳон, ташаббусҳои созанда пешниҳод намуда, мавриди қабули ҷомеаи ҷаҳонӣ гардонад.**

Дар рушди ҷомеаи солим нақш ва ҷойгоҳи варзиш муҳим арзёбӣ шуда, дар забони дипломатия он чун қосиди сулҳу дӯстӣ байни кишварҳои ҷаҳон, ба таҳаввулу таҳкими ҳамгироии муносибатҳо мусоидат менамояд, зеро давлатҳо барои расидан ба ҳадафҳои умумибашарӣ ба як навъ ҳамгироию иттиҳоду ҳамбастагӣ ниёз доранд. Аз ҳамин лиҳоз, мусобиқаҳои варзишӣ имкон фароҳам меоранд, ки давлатҳо ҳамкориро дар доираи рушди ҷомеаи солим тавсеа бахшанд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# САФАРИ ДАВЛАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҶУМҲУРИИ ОЗАРБОЙҶОН



(Идома аз саҳ. 1)

**22-юми майи соли ҷорӣ дар доираи сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Озарбойҷон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Боку ба нишони эҳтиром ба таъриху тамаддун, шахсиятҳои маъруф ва шаҳидони ин кишвар дар назди оромгоҳи Роҳбари умумимиллии Озарбойҷон Ҳайдар Алиев, ҳамсари Ҳайдар Алиев Зарифа Алиева ва дар назди гулхани ҷовидони шаҳидони Озарбойҷон гулчанбар гузошта, хотираи неки онҳоро пос доштанд.**

Дар маросими гулчанбаргузорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони воломақоми Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон ва ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳӣ намуданд.

**23-юми майи соли 2024 дар доираи сафари давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Озарбойҷон дар шаҳри Боку маросими истиқболи расмии меҳмони олимақом - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди Қасри Загулба баргузор шуд.**

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Алиев пешвоз гирифта, ба болои шоҳсуфаи ифтихорӣ даъват намуд.

Маросими истиқболи расмӣ бо саф кашидани горди фахрӣ, гузориши фармондеҳи он, садо додани сурудҳои миллии ҳар ду давлат, гузаштан аз назди қатори сарбозон, арзи салом ба онҳо ва изҳори эҳтиром ба Парчами давлатии Озарбойҷон, ҳамчунин, шиносоӣ бо аъзои ҳайатҳои расмии ҳар ду ҷониб ҷараён гирифт.

**23-юми майи соли 2024 дар доираи сафари давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Озарбойҷон дар шаҳри Боку музокироти сатҳи олии ҳар ду кишвар баргузор гардид.**

Музокироти сатҳи олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон нахуст бо вохӯрии хосаи сарварони ҳар ду давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Илҳом Алиев оғоз гардида, дар мулоқот бо ҳайатҳои расмии ҳар ду ҷониб идома ёфт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Алиев барои пазироӣ ва меҳмоннавозии самимӣ изҳори сипос намуданд.

- Озарбойҷон дӯст ва шарики боэътимоди Тоҷикистон мебошад,- таъкид доштанд дар оғози мулоқот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо ҳолати кунунӣ ва дурнамои маҷмӯи муносибатҳои ҳар ду кишварро дар бахшҳои сиёсӣ, робитаҳои байнипарлумонӣ, тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ баррасӣ намуданд.

Истифодаи самараноки иқтидори Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба масъалаҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ барои расидан ба ҳадафҳо дар самти тиҷорату иқтисод зарур шуморида шуд.

Саноат, энергетика ва кишоварзӣ аз бахшҳои муҳими ҳамкориҳои кишварҳо номида шуда, ба ташкили корхонаҳои муштараки саноатӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мароқ зоҳир гардид.

Ҷонибҳо аҳамияти рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои алоқаи ҳавоӣ, нақлиёту коммуникатсия, боркашонӣ ва истифодаи бандари баҳрии «Боку»-ро таъкид намуданд.

Зимни баррасии натиҷаҳои чорабинии тиҷоратӣ (бизнес-форум), ки дар ҳошияи сафари давлатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Боку доир гардид, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки натиҷаҳои он аз имкониятҳои зиёд бархӯрдор будани ҳар ду кишварро дар густариши робитаҳои иқтисодӣ нишон медиҳанд.

Зикр гардид, ки густариши муносибатҳо дар соҳаҳои сайёҳӣ, муҳоҷират, маориф ва фарҳангию гуманитарӣ барои мардумони ҳар ду кишвар судовар хоҳад буд. Дар ин зимн пешниҳод гардид, ки соли оянда дар Тоҷикистон Рӯзҳои фарҳанги Озарбойҷон гузаронида шавад.

Зимни баррасии масоили ҳамкорӣ дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ ҷонибҳо аз таҷрибаи хуби мунтазам дастгирӣ намудани ташаббусҳои якдигар, аз ҷумла оид ба масоили обу иқлим, дар арсаи байналмилалӣ ёдовар шуданд.

Дар рафти мулоқот ҳамоҳангии наздики кишварҳо дар мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва дигар зуҳуроти ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ таъкид гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Алиев даъват ба амал оварданд, ки дар фурсати бароящон муносиб ба Тоҷикистон ташриф оваранд.

**23-юми майи соли ҷорӣ баъди анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олӣ дар ҳузур ва бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Алиев маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ баргузор гардид, ки зимни он 14 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.**



Сарварони ҳар ду давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Илҳом Алиев ба Эъломия дар бораи шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон имзо гузоштанд. Имзои Эъломия дар бораи шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон рӯйдоди муҳими таърихӣ номида шуд.

Сипас, дар ҳузури сарварони ҳар ду давлат 13 санади дигар ба имзо расид:

- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷират;

- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи моликияти саноатӣ;

- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи техникии иттилоот;

- Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи савдои рақамӣ;

- Ёддошти тафоҳум байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди рақамӣ ва нақлиёти Ҷумҳурии Озарбойҷон;

- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Озарбойҷон;

- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Озарбойҷон;

- Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати экология ва захираҳои табиии Ҷумҳурии Озарбойҷон;

- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сиёсати зиддиинҳисорӣ байни Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти давлатӣ оид ба назорати зиддиинҳисории бозорҳои истеъмолии назди Вазорати иқтисоди Ҷумҳурии Озарбойҷон;

- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба масъалаҳои оила, занон ва кӯдакон дар самти баробарии гендерӣ;

- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Озарбойҷон;

- Харитаи роҳ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ байни Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатӣ оид ба сайёҳии Ҷумҳурии Озарбойҷон;

- Ёддошти тафоҳум байни Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентӣ оид ба ҳавасмандгардонии содирот ва сармоягузориҳои Озарбойҷон.

Дар охир сарварони ҳар ду давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Илҳом Алиев барои намояндагони воситаҳои ахбори омма нишасти матбуотӣ ороста, аз натиҷаҳои мулоқоту музокироти сатҳи олӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

**23-юми майи соли 2024 сафари давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Озарбойҷон, ки рӯзҳои 22-23 май ҷараён дошт, ба анҷом расид.**

Зимни сафари давлатӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарияти олии ин кишвар мулоқот карда, аз рӯйи натиҷаҳои музокирот 14 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

Рӯйдоди муҳими таърихии ин сафар аз ҷониби сарварони ҳар ду давлат ба имзо расидани Эъломия дар бораи шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон мебошад.

Дар Фурудгоҳи байналмилалии ба номи Ҳайдар Алиев меҳмони олиқадр – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони воломақом ва шахсони расмии Ҷумҳурии Озарбойҷон самимона гусел намуданд.

Нимаи дуюми рӯзи 23 май Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз шаҳри Боку ба Ватан баргаштанд.

**www.prezident.tj**

# ИЗҲОРОТИ МАТБУОТИИ

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН АЗ РӮИ НАТИҶАҲОИ ГУФТУШУНИДҲО БО ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ОЗАРБОЙҶОН ИЛҲОМ АЛИЕВ

Озарбойҷон, 23-юми майи соли 2024

**Ташаккур, Илҳом Ҳайдаровичи муҳтарам.**

**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма,**

**Хонумҳо ва ҷанобон,**

Пеш аз ҳама, мехоҳам ба Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон, дӯсту бародари азизам Илҳом Ҳайдарович Алиев ва мардуми бародари Озарбойҷон барои меҳмоннавозии анъанавӣ, таваҷҷуҳи хос ва истиқболи гарм сидқан изҳори сипос намоям.

Аз ташрифи навбатӣ ба шаҳри зебою куҳантаърихи Боку, ки имрӯз яке аз марказҳои бузурги саноатию иқтисодӣ ва илмию техникии минтақа мебошад, хеле шодам.

Симои нотакрори пойтахти Озарбойҷон раванди рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар ва афзоиши накуаҳволии мардуми онро таҷассум менамояд.

Мулоқотҳои имрӯзаи мо дар фазои созанда ва эътимод, ки хоси муносибатҳои дӯстию ҳамкориҳои байни Тоҷикистону Озарбойҷон мебошад, сурат гирифтанд. Дар ҷараёни музокирот мо тамоми маҷмӯи муносибатҳои ҳар ду кишварро ба таври муфассал мавриди муҳокима қарор додем. Ба як силсила мувофиқаҳои муҳим даст ёфтем, ки заминаи бунёдии густариши дарозмуддати онҳоро ба таври назаррас таҳким мебахшанд.

Тавре ки Илҳом Ҳайдаровичи муҳтарам зикр намуданд, имрӯз мо қарори таърихӣ қабул кардем, ки муносибатҳои байнидавлатии моро то ба сатҳи шарикии стратегӣ мебардорад. Қарори мазкур, бешубҳа, дар таърихи ҳамкориҳои мо саҳифаи наверо боз мекунад.

Аз ҷониби худ мехоҳам аҳамияти дастгирии муколамаи мунтазами сиёсиро дар ҳамаи сатҳҳо зикр намоям.

Дар Тоҷикистон саҳми шахсии Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев дар рушди муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳои мо баланд арзёбӣ мегардад.

Ҳангоми мулоқот ба масъалаҳои татбиқи амалии мувофиқаҳое, ки соли гузашта дар ҷараёни сафари давлатии Президенти Озарбойҷон ба Тоҷикистон ба даст омаданд, таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шуд. Масъалаҳои рушди ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ дар маркази таваҷҷуҳи мо қарор доштанд. Ба ҳукуматҳои кишварҳоямон супориш дода шуд, ки татбиқи комили «Барномаи байниҳукуматии чорабиниҳо оид ба ҳамкории иқтисодӣ то соли 2025»-ро ҷиддан зери назорат гиранд.

Бо мақсади ба таври боз ҳам самаранок ба роҳ мондани фаъолияти Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ мо пешниҳод намудем, ки сатҳи ҳамраисони он то мақоми ҷонишинҳои сарвазирон бардошта шавад.

Инчунин, атрофи масъалаи мусоидат ба рушди муколамаи байнипарламентӣ мубодилаи афкор намудем.

Зимни музокирот мо бори дигар омодагии худро ҷиҳати ба таври афзалиятнок дида баромадани имконияти иштироки ширкатҳои озарбойҷонӣ ва муассисаҳои молиявии марбут ба татбиқи лоиҳаю барномаҳо дар Тоҷикистон таъкид намудем.

Чорабинии тиҷоратие, ки дар доираи сафари мо дар Боку баргузор гардид, нишон дод, ки ҷонибҳо барои тавсеаи робитаҳои тиҷоратию иқтисодии худ имкониятҳои васеъ доранд. Изҳори умед менамоям, ки натиҷаи он дар баробари санадҳои дуҷонибаи имрӯз баимзорасида ба ҳамкориҳои мо дар ин самт такони тоза хоҳанд бахшид.

Қобили зикр аст, ки маблағи умумии қарордодҳо ва шартномаҳои тиҷоратии дар доираи чорабинӣ баимзорасида, дар маҷмӯъ, беш аз 700 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Ба мақсади афзоиши ҳаҷми мубодилаи мол байни кишварҳоямон ба вазорату идораҳои соҳавӣ супориш дода шуд, ки ҷиҳати тавсеаи номгӯи молҳои ба таври мутақобил интиқолёбанда чораҳои мушаххас андешанд. Дар ҷараёни мулоқот ба соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шуд.

Мо аз имзои Харитаи роҳ оид ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ истиқбол намудем. Дар ин замина, аз ҷумла, ба идораҳои соҳавӣ супориш дода шуд, ки доир ба таҷдиди алоқаи ҳавоии мустақими байни кишварҳоямон чораҳо андешанд.

Таваҷҷуҳи ҷудогона ба соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия зоҳир карда шуд. Мо бо қаноатмандӣ тамоюли афзоиш ёфтани ҳаҷми боркашонии сохторҳои давлатию тиҷоратии Тоҷикистонро тавассути қаламрави Озарбойҷон зикр намудем. Ба ҷониби озарбойҷонӣ ҷиҳати ба боркашонҳои тоҷик додани имтиёзоти тарифӣ изҳори миннатдорӣ намудем.

Масъалаи вобаста ба ҳамкориҳои фарҳангию башардӯстона дар музокироти мо ҷойгоҳи махсус дошт. Дар ин зимн мо ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаи маориф таваҷҷуҳ намудем. Ба мувофиқа расидем, ки шумораи бурсияҳоеро, ки барои таҳсил дар макотиби олии ҳар ду кишвар аз ду ҷониб ҷудо мешаванд, афзоиш диҳем.

Чорабиниҳои фарҳангӣ, ки дар доираи сафар баргузор гардиданд, бори дигар майлу рағбати шаҳрвандони кишварҳоямонро ба шиносоӣ бо дастовардҳои фарҳангии якдигар тасдиқ намуданд.

Мо ба дӯстонамон пешниҳод кардем, ки соли оянда дар Тоҷикистон Рӯзҳои фарҳанги Озарбойҷон ва дар ҳошияи ин чорабинӣ Фестивали дӯстии мардумони ҳар ду кишвар доир гардад.

Дар рафти музокирот хавфу хатарҳои амниятӣ мавриди муҳокима қарор дода шуд. Аз ҷониби худ зикр карданиам, ки авзои имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳон ҳамоно мураккабу пуршиддат боқӣ мемонад.

Бо истифода аз фурсат мехоҳам таъкид намоям, ки Тоҷикистон ҷонибдори ҳаллу фасли ҳамаи ихтилофоту низоъҳо танҳо бо роҳҳои мусолиматомез мебошад.

Мо аз сатҳу муҳтавои ҳамкориҳои самарабахш бо Озарбойҷон дар арсаи амниятӣ изҳори қаноатмандӣ менамоем. Дар ин замина мо ба мубориза бо терроризм ва экстремизм, зуҳуроти тундгароӣ ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, аз ҷумла киберҷиноятҳо ва қочоқи маводи мухаддир, таваҷҷуҳи хос зоҳир менамоем. Мо зарур мешуморем, ки ҳамоҳангии кори хадамоти махсус ва дигар идораҳои соҳавӣ дар ин самт тақвият бахшида шавад.

Аз идомаи амалияи дастгирии ташаббусҳои ҳамдигар дар чорчӯбаи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ҷонибдорӣ намудем.

Мо аз мизбонии Озарбойҷон дар соли равон аз иҷлоси навбатии Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-29) истиқбол менамоем. Мехоҳам таъкид намоям, ки мо ба дурнамои густариши муносибатҳои Тоҷикистону Озарбойҷон назари нек дорем.

Дар фарҷом бори дигар ба Шумо, муҳтарам Илҳом Ҳайдарович ва ба мардуми бародари Озарбойҷон, ҷиҳати пазироии самимӣ ва меҳмоннавозии бародарона миннатдории хешро изҳор менамоям.

Ҳамчунин, мехоҳам таъкид намоям, ки ман бо мақсади идомаи муколамаи созандаи мо бо камоли майл дӯст ва бародари гиромиам Илҳом Ҳайдарович Алиевро ҷиҳати анҷом додани боздид аз Тоҷикистон даъват кардам.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.**

# РӮЗИ ҶАҲОНИИ ФУТБОЛ - РУШДИ ДИПЛОМАТИЯИ ВАРЗИШӢ ВА ТАШАББУСИ НАВИ ҶАҲОНИИ ТОҶИКИСТОН

(Идома аз саҳ. 1)

Бояд гуфт, ки ҳамаи намудҳои варзиш, хусусан футбол, дар ҳаёти инсоният аз ҷумлаи беҳтарин роҳи солимгардонӣ ва пешбурди тарзи ҳаёти солим, инчунин василаи муҳимтарини пайванди халқу миллатҳои гуногун ба шумор меравад. Он падидаи фарҳанги умумиҷаҳоние аст, ки марзҳои миллӣ, монеаҳои забонӣ ва тафовутҳои иҷтимоию иқтисодиро убур мекунад. Футбол варзише аст, ки ҷаҳонро муттаҳид месозад ва бо забони универсалӣ сухан мегӯяд.

Бояд ишора кард, ки президенти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA), президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ нақшу аҳамияти футболро дар сатҳи ҷаҳон муҳим шуморида, пешниҳод намуданд, ки тавассути қабули қатъномаи махсуси Маҷмаи умумии СММ Рӯзи ҷаҳонии футбол қабул шавад.

Ҳамин тариқ, ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаббуси нахустини президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалиро оид ба эълони Рӯзи байналмилалии футбол дар ҷаҳон бо иттифоқи оро пазируфт.

Дар қатъънома аҳамияти варзиш дар рӯҳияи сулҳ, тафоҳум, ҳамкории байналмилалӣ, дӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва бе табъиз баргузор намудани чорабиниҳои бузурги дорои хусусияти муттаҳидкунанда ва мусолиматомездошта нақш мебозад.

Мавриди зикр аст, ки варзиш дар Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии мамлакат ба шумор меравад. Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди бемайлони тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун омили тарғиби ҳаёти солим ва яке аз воситаҳои беҳтарини таҳкими дӯстӣ байни инсонҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар



бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини фаъолиятро дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муқаррар ва танзим менамояд. Давоми 33 соли истиқлол варзиш дар Тоҷикистон хеле рушд кард. Соли 1992 Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон ташкил шуд, ки узви Кумитаи байналмилалии олимпӣ мебошад ва роҳбариашро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зимма доранд. Истиқлол ба варзишгарони Тоҷикистон имкон фароҳам овард, то онҳо фаъолона дар мусобиқаҳои байналмилалӣ иштирок намоянд.

Дипломатияи варзишӣ дар таҳкими сулҳ ва муносибатҳои байналмилалӣ нақши муҳим дорад. Дар таърих он ҳамчун воситаи баланд бардоштани обрӯи давлату миллат ва таҳкими робитаҳо байни кишварҳо хизмат мекунад. Дар ин зимн, Бозиҳои олимпии Юнони қадим яке аз намунаҳои аввалини дипломатияи варзишӣ буданд, ки варзишгаронро аз минтақаҳои гуногун муттаҳид ва ягонагиро таҳким мебахшиданд.

Дар замони муосир дипломатияи варзишӣ барои бартараф кардани ихтилофҳо ёрӣ расонида, намунаи беҳтарини онро байни кишварҳои ҷаҳон метавон мушоҳида кард. Аз ҷумла, сафарҳои варзишгарон, аз қабили тими тенниси рӯи мизи ИМА ба Чин, Кореяи Ҷанубӣ ва Кореяи Шимолӣ, ки ихтилофи сиёсӣ доранд, дар Бозиҳои зимистонаи олимпии Пйонгчанг дар соли 2018 зери як парчам вориди варзишгоҳ шуданд, ки ба коҳиши танишҳо мусоидат кард. Тими духтаронаи ҳендболи Тоҷикистон соли 2022 бо тими Ӯзбекистон мусобиқа намуда, ҷойи дуюм ва соли 2023 дар мусобиқаи Челенҷ-трофӣ дар шаҳри Файсалободи Покистон ҷойи сеюмро ишғол карда, соҳиби медал гаштанд, ки далели заминаҳои хуби иқтидори дипломатияи варзишӣ ва дӯстӣ байни кишварҳо мебошад. Дастаҳои духтарона ва писаронаи чавгонбозони Тоҷикистон дар мусобиқаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар Қазоқистон ва Ӯзбекистон, иштирок намуда, маҳорати баланд нишон доданд, ки заминаи рушди ҳамсоягию ҳамбастагӣ ва дӯстии байни ин кишварҳоро нишон медиҳад.

Ин мисолҳо тавоноии варзишро дар рафъи монеаҳо ва оғози муколамаи дипломатӣ ба таври дуруст нишон медиҳанд. Дипломатияи варзишӣ дар таҳкими муносибатҳо ва коҳиш



додани муноқишаҳо замина ба вуҷуд оварда, дарҳоро барои ҳамкорӣ боз менамояд.

Дар Тоҷикистон ташкилоту федератсияҳои гуногуни варзишӣ барои рушди ҷомеаи солиму созанда фаъолият мекунанд. Аз ҷумла, Федератсияи футболи Тоҷикистон созмони ҷамъиятии варзишие аст, ки футболро дар мамлакат идора ва назорат мекунад, дар рушди дипломатияи варзишӣ нақши муҳим бозида, тими миллӣ, дастаҳои мунтахаби наврасону ҷавонон, дастаи мунтахаби олимпӣ ва футзалу футболи занона ташкил ва сарпарастӣ карда, иштироки онҳоро дар мусобиқаҳои байналмилалӣ таъмин менамояд.

Дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат аввалин маротиба дастаи миллии футболи Тоҷикистон дар Ҷоми Осиё-2023 дар шаҳри Давҳаи Қатар фаъолона иштирок карда, то даври чорякфинал баромад. Дар бозии даври чорякфинал футболбозони мо дар рақобати баробар бо дастаи миллии Урдун қувва озмуда, ба қатори ҳашт дастаи беҳтарини қора ворид шуд.

Ин чорабинии варзишӣ қобилияти варзишро барои муаррифии давлат ва иттиҳоду сарҷамъии миллат нишон дод. Бо чунин арзишҳои воло ва барои рушди ҷомеаи солиму созанда ҳамаи намуди варзиш, аз ҷумла футболро бояд истифода намуд. Чунин табодул таъсири амиқи дипломатӣ дошта, робитаҳоро осон мекунад, ки аксар вақт тавассути воситаҳои анъанавии дипломатӣ ба онҳо расидан душвортар мебошад.

Ҳамин тариқ, қабул гардидани пешниҳоди Тоҷикистон ва эълон шудани Рӯзи ҷаҳонии футбол чун рушди дипломатияи варзишӣ далели он аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши боризи Тоҷикистонро ҳамчун давлати пешбарандаи усулҳои тарзи ҳаёти солим ва вусъатдиҳандаи ҳамкории байналмилалии варзишӣ низ барои оммавӣ гардонидани он дар арсаи байналмилалӣ муҳим ва зарур мешуморад.

**Мирсаид РАҲМОНОВ,**
**ходими калони илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

# ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРДИ «ПАЙВАНД ГУРӮҲ»

## Ҳисоботи молиявӣ барои соли ҳисоботии 2023 ва ҳисоботи аудиторони мустақил

**ТАСДИҚОТИ РОҲБАРИЯТ ОИДИ ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ТАЙЁР НАМУДАН ВА ТАСДИҚ НАМУДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР СОЛИ 2023, КИ 31 ДЕКАБР ХОТИМА ЁФТААСТ.**

Роҳбарияти ЧДММ ТАҚХ "Пайванд Гуруҳ" (аз ин пас Ташкилот) барои таҳияи ҳисоботи молиявии ҳамаи тарафҳои муҳими ҳолати молиявиро эътимоднок инъикоскунанда ҷавобгар мебошад, аз он ҷумла барои пешниҳоди ҳисобот оиди натиҷаҳои молиявӣ, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағйирёбии сармояи худӣ дар соли 2023, ки 31 декабр хотима меёбад мутобиқи талаботҳои Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявӣ (минбаъд СБҲМ) масъул ва ҷавобгаранд.

Дар рафти таҳияи ҳисоботи молиявӣ роҳбарияти Ташкилот аз рӯи амалҳои зерин ҷавобгар аст:
- Интихоби принсипҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибӣ ва истифодабарии мантиқии онҳо;
- Риояи талаботи СБҲМ ва ошкор намудани тамоми майлкуниҳои асосӣ дар ташреҳоти ҳисоботи молиявӣ;
- Омодасозии ҳисоботи молиявӣ дар асоси фарзия, ки Ташкилот дар ояндаи наздик фаъолияти худро идома медиҳад, бо истисноӣ ҳолатҳои, ки фарзия гирифтан ғайри имкон аст.

Роҳбарият барои ҳолатҳои зерин низ масъул мебошад:
- Таҳия, амалисозӣ ва таъмин намудани фаъолияти самараноки системаи назорати дохилии Ташкилот;
- Нигоҳдории системаи баҳисобгирии муҳосибие, ки ҳама вақт тавоноии тайёркунии ахбороти сатҳи кифоятан дурустро оиди ҳолати молиявии ташкилотро дошта бошад ва мутобиқати ҳисоботи молиявиро ба талаботҳои БМТ таъмин намояд;
- Пеш бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи қонунгузорӣ ва қолабҳои муҳосиботи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Барои таъмини нигаҳдории молу мулки Ташкилот дар ҳудуди салоҳиятҳои худ чораандешӣ кунад;
- Ошкорсозӣ ва пешгирии ҳолатҳои қаллобӣ, хатогиҳо ва дигар намуди суиистифодабариҳо.

